**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Таҳқиқи образҳои шеърӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ мебошад, зеро дар адабиёти оламшумули форсӣ-тоҷикӣ образҳои зиёде ҳастанд, ки собиқаи куҳан дошта, дар ҳеҷ замоне аз мадди назари суханварон дур намондаанд. Яке аз ин гуна образҳои ҷовидонаи адабиёт тасвири симои зан-модар мебошад, ки аз ибтидои пайдоиши шеъру шоирӣ дар тамаддуни башарӣ оғоз ёфта, то кунун идома дорад. Дар ҳақиқат, дар адабиётшиносии тоҷик поэтикаи ашъори шоирон, алалхусус тасвири образҳои шеърӣ, чунон ки шоиста аст, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, зеро ба қавли муҳаққиқон, "тасвир, хаёл, сурат ё худ имож аз унсурҳои асосии шеър буда, маҳз бо кашфи тасвирҳои шоирона донишу ҳунари суханвар ва дарки зебошиносию ҷаҳонбинии ӯ таъйин мегардад".

Мавзуи илмии диссертатсияи М.Р. Раҳимӣ "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмию амалӣ дорад.Аввалан, аз мавзуъҳои илмиест, ки камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, зеро ҳангоми таҳқиқ ҳунари шоирон дар офариниши образи зан модар дар мақоми аввал меистад. Сониян, ҳеҷ як шоире дар адабиёти замони Истиқлол аз тасвири симои зан-модар дар канор намондааст, аммо таъйини ҳунари шоирон дар тасвири ин мавзуъ бори нахуст ба таври монографӣ дар диссертатсияи М. Раҳимӣ анҷом ёфтааст. Унвонҷӯ барои таҳқиқи ҳаматарафаи мавзуъ заминаҳои ташаккулу таҳаввули мавзуъро аз адабиёти аҳди бостон то ба имрӯз мавриди таҳқиқ қарор дода, сайри таърихии тасвири симои зан-модарро ба далоили илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ нишон додааст.

Навгонии кори диссертатсионии унвонҷӯ қобили таҳсин аст. Аз ҷумла, мавқеи зан-модар дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо муайян гардида, бозтоби он дар осори адабии аҳди бостон нишон дода шудааст. Бо такя ба таҳқиқоти донишмандон мақому манзалати зан дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ таъйин шуда, сабабҳои занситезию пасту заиф шуморидани зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра бо далоили илмию шавоҳиди шеърӣ собит гардидааст.

Муҳимтарин нуктаи кори илмии унвонҷӯ дар таъйини орояҳои ҳунарии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар мебошад, ки дар шинохти шеъри ин давра сухани нав аст. Хулосаҳои муаллиф ва тавсияҳои ӯ оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ пояи илмӣ дошта, дурнамои мавзуи таҳқиқи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар автореферат бештар унвони шеърҳо ва суроғаи нашри онҳо зикр мешавад. Хуб мебуд, ки дар автореферат шоҳидҳои шеърӣ бештар оварда мешуд. Ин амал метавонист арзиши илмии авторефератро баландтар бардорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи М.Р. Раҳимӣ дар мавзуи "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик сухани тоза буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Номзади илми филология, омӯзгори калони**
**кафедраи забон ва адабиёти тоҷики**
**ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Забирова М.Э.**
«02» январи соли 2025.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев 61 "А"
Тел.: (+992) 901012127
E-mail: mehriniso.zabirova@bk.ru

**Имзои Забирова М.Э -ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи таъминоти**
**ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ**
**ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** **Қурбонзода А.Х**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Телефон: (+992-372) 24-72-07
E-mail:www.tajagroun.ru
«02» январи соли 2025.